Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади ноил гардидан ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон қарор мекунад:

1. Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2 . Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Консепсияи мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 5 марти соли 2008 № 74
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 марти соли 2008 № 74
тасдиқ шудааст

# Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015

Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 (минбаъд Консепсия) самтҳои асосӣ ва афзалиятнокии сиёсати давлатиро дар самти пурзӯр гардидани тамоюли иҷтимоии иқтисодиёт, ноил шудан ба шуғли пурсамари аҳолӣ ки мусоидаткунандаи баландшавии некӯаҳволии шаҳрвандон ва таъминкунандаи шароити зарурӣ ҷиҳати таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ мебошад, муайян менамояд.

## I. Вазъи шуғл ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз лаҳзаҳои истиқлолиятро ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақиқатан дар таърихи халқи тоҷик марҳилаи ниҳоят мураккаб оғоз гардид Самти пешгирифтаи мамлакат дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ бевосита тамоми ҷабҳаҳои ҳаётро фаро гирифт.

Парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ ва қатъ гардидани алоқаҳои иқтисодӣ бо ҳодисаҳои дохилӣ дар як вақт ба миён омаданд Ҷанги шаҳрвандӣ ба мамлакат таъсири ҷиддӣ расонид. Ин омилҳо иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба бӯҳрони иқтисодии давраи гузариш оварда расонид.

Ҳамчун натиҷа дар давраи солҳои 1992-1996 дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пастшавии бемайлони ҳаҷми истеҳсолоту маблағгузории он ва хароб гардидани системаи молиявӣ ба мушоҳида мерасид.

Дар ибтидои давраи гузариш шуғлнокии пурра ва ҳатто дар баъзе соҳаҳо нарасидани қувваи кории баландихтисос хоси бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки дар гузашта дорои иқтисодиёти банақшагирифташавандаи марказонидашуда буд ва бекории аёнӣ вуҷуд надошт.

Омилҳои давраи гузариш на якбора дар шуғл инъикос гардиданд,чунки хусусияти кӯтоҳмӯҳлатӣ ва гузаранда будани ислоҳоти иқтисодиро ба инобат гирифта, муассисаву корхонаҳо саравввал бо дили ноҳоҳам аз коргарони зиёдатӣ озод мешуданд. Аммо, бӯҳрони иқтисодии идомаёфтаистода имконияти муддати дароз нигоҳдории чунин вазъро барои корхонаҳо маҳрум намуда, якбора имкониятҳои молиявии онҳоро кам намуд.

Қобилияти бокортаъминкунии корхонаҳои калон кам шуда, имкониятҳои соҳибкории хурди тараққикардаистода, барои ташкил кардани шумораи лозимии ҷойҳои кории нав нокифоя буд. Ҳанӯз дар аввали солҳои 90-ум аз ҷумҳурӣ рафтани мутахассисон оғоз гардид. Барои ҳамин аз соли 1994 дигаргуншавии динамикии шуғл мушоҳида карда мешавад.

Ғайр аз ин, сиёсати пайгиронае, ки дар ҷумҳурӣ дар самти хусусигардонии иншооти давлатӣ гузаронида шуд, ҳамчун чораи зарурӣ ва асоснок дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ба ҷараёни озодшавии коргарон таъсир расонид.

Ба бозори меҳнат сатҳи ниҳоят баланди таваллуд ва афзоиши табии аҳолӣ таъсири калон мерасонад. Дар давоми 15 соли охир шумораи аҳолии Тоҷикистон зиёда аз чоряк маротиба (28,3%) ва захираҳои меҳнатӣ 60.2% афзуд.

Динамикаи шуғл дар солҳои 90-ум дар бисёр маврид бо тағйирёбии ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда мешавад. Аммо ин вобастагӣ дар тӯли даҳсолаи гузашта якхела набуд. То соли 1996 паст рафтани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ назар ба ихтисори шуғлнокӣ хеле калон буд, вале аз соли 1997 сар карда наздикшавии батадриҷи ҳарду суръат ба амал меояд.

Танҳо дар давраи аз соли 1992 то соли 1997 шумораи аҳолии дар сектори расмии иқтисодиёт машғулбуда зиёда аз 118 ҳаз. нафар кам шуд.Новобаста аз он, ки аз соли 2000 сар карда шумораи аҳолии шуғлнок зиёд гардид, вале суръати афзоиши шумораи машғулбудагон аз суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ қариб 40% ақиб мемонад.

Ҳамин тавр сатҳи шуғлнокии аҳолӣ аз 67,4% дар соли 1994 то 52,8% дар соли 2006 паст гардид.

Дигаргуниҳои иқтисодӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ба рушди шаклҳои гуногуни моликият мусоидат намуд, ки боиси тағйирёбии тақсимоти қувваҳои корӣ тибқи соҳаҳои иктисодиёт гардид.

Рушди шаклҳои нави хоҷагидории ғайридавлатӣ дар солҳои охир боиси кам гардидани шумораи машғулбудагон дар сектори давлатӣ гардид.

Шуғлнокӣ ба таври воқеъӣ аз ҷониби сектори хусусӣ таъмин карда мешавад, ки дар ибтидои соли 2007 - 50.7% машғулбудагонро дар бар гирифта, 25.1% ба сектори давлатӣ, 23.2% - ба моликияти коллективӣ, 0.9% - ба шакли моликияти омехта бо иштироки хориҷиён ва 0.1 % - башакли моликияти омехта бе иштироки хориҷиён рост меояд.

Дар шуғлнокии соҳавии аҳолӣ бошад дигаргуниҳои куллӣ рух доданд.Масалан, ҳиссаи аҳолии шуғлнок дар аввали соли 2007 нисбат ба соли 1991 дар саноат аз 13% то 5,5%, дар сохтмон аз 7,5% то 3,0% кам гардид. Аз бисёр ҷиҳат чунин вазъият ба сатҳи нокифояи сармоягузорӣ дар сохтмонҳои нави саноатӣ ва истеҳсолот вобастагӣ дорад. Дар як вақт

ҳиссаи машғулбудагон дар хоҷагии қишлоқ зиёд гардида, 67.0 фоизро ташкил дод. Ба афзоиши шумораи аҳолии шуғлнок дар деҳот бошад, инкишофи хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ, инчунин амаликунонии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 № 342 ва аз 1 декабри соли 1997 №874 дар бораи ба аҳолӣ ҷудо намудани 75 ҳаз. га замин, мусоидат намуд.

Дар тақсимоти кормандон мутобиқи статусн шуғлнокӣ пешравиҳои муҳим дида мешавад. Паст гардидани шумора ва ҳиссаи шахсони ба таври кироя коркунанда ба миён омад ва мутаносибан худиштиғолӣ зиёд гардид.

Шуғли дуҷоякор низ зиёд гардид, хусусан дар байни онҳое, ки дар сектори ғайрирасмӣ фаъолият менамоянд.

Дар васеъшавии шуғлнокӣ инкишофи соҳибкории хурд нақши муҳим мебозад. Ҳанӯз дар аввали соли 1991 дар байни давлатҳои ИДМ Тоҷикистон яке аз аввалинҳо буд, ки раванди хусусигардонии корхонаҳои хурд ва миёнаро оғоз намуд. Аммо, ба инкишофи соҳибкории хурд ҷанги шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-ум зарари калон расонид. Танҳо аз соли 1997 рушди иқтисодии ҳақиқӣ ва ташаккули соҳибкории хурд оғоз гардид.

Умуман, дар авали соли 2007 дар ҷумҳурӣ шумораи ҳоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) бақайдгирифташуда 24901 ададро (нисбати 8023 дар соли 1997) ташкил намуд.

Фаъолияти мустақилонаи шахсони воқеӣ, ки аз тарафи онҳо бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардад дар сохтори соҳибкорӣ ҷои муҳимро ишғол менамояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар аввали соли 2007 шумораи шаҳрвандони ба фаъолияти соҳибкорӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент машғулбуда 102.1 ҳазор нафарро (нисбати 47,4 ҳаз. наф. дар соли 1997) ташкил медиҳад.

Тахлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти муассисаҳои ба соҳибкорӣ машғул ва дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ба 1 январи соли 2007 шумораи умумии онҳо 1801 ададро ташкил намуда, дар онҳо 18.1 ҳазор нафар кор мекарданд.

Аммо, сатҳи дар айни замон ба даст омадаи инкишофи соҳибкории хурд барои таъсиси босуръати ҷойҳои нави корӣ нокифоя мебошад.

Агар ҳолати бекории расмиро дар ҷумҳурӣ тавсиф намоем, дар он сурат метавон гуфт, ки аз соли 1991 то соли 2007 шумораи бекорони расмӣ аз 8 ҳаз. нафар то 50.9 ҳаз. нафар афзуда, сатҳи бекории расмӣ, аз аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, 2.5 фоизро ташкил намуд.

Ҳамзамон, таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамаи бекорон ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат мекунанд ва теъдоди онҳо аз шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда хеле зиёд аст. Шумораи аслии бекорон дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби бекории пинҳонӣ ва бақайдгирифтанашуда метавонад

зиёд бошад. Зиёдшавии шуғли пинҳонӣ ва дуҷоякорӣ, ҳамчун амортизатори табиии шиддатнокӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад, ки ба ихтисоршавии имкониятҳои шуғлнокӣ ва гирифтани музди меҳнати ҳақиқӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳои сектори расмӣ вобастаанд.

Дар бозори меҳнат вазъи шиддатнокии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷанд, масалан, занону ҷавонон, чун пештара боқӣ мемовад. Дар соли 2007 ҳиссаи занҳо дар шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда 54.5% ва 50.0 фоизро ҷавонони синни 15-29 сола ташкил медиҳад. Миқдори хеле зиёди онҳо дар деҳот истиқомат мекунанд.

Мувофиқи маълумота мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тахминан 90% ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҷумҳурӣ аз тарафи ҷавонони бекор содир карда мешаванд. Оид ба алоқамандии бевоситаи сатҳи бекорӣ ва ҷиноятгкорӣ маълумотҳои Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат низ далолат мекунанд, ки мутобиқи онҳо 1% баландшавии бекорӣ ба 4% баландшавии ҷиноятгкорӣ оварда мерасонад.

Ҷанбаи асосии рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мухоҷирати меҳнатии бурунмарзии шаҳрвандон мебошад. Дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ, ки захираҳои меҳнатӣ ниҳоят зиёд мебошанд, ба қисми зиёди аҳолӣ мавҷуд набудани соҳаи пешниҳоди кор ва сарчашмаи расмии зиёд намудани даромад, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамчун роҳи ягонаи паст кардани шиддатнокии иҷтимоии ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Таҳлили вазъи сатҳи шуғлнокӣ ва бекорӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2007 нишон медиҳад, ки ин масъала проблемаи асосии иҷтимоии Тоҷикистони имрӯза ба ҳисоб меравад.

Айни замон хусусияти ташаккули бозори меҳнати Тоҷикистонро аз як тараф - равандҳои суст ҷорибудаи маблағгузорӣ ҷиҳати ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва аз дигар тараф - афзудани шумораи аҳолии қобили меҳнат муайян менамояд.

Тибқи пешгӯиҳо дар солҳои наздик шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол аз афзоиши шуғлнокӣ пеш мегузарад.

Ба пешравии иқтисодиёт нигоҳ накарда, вазъи шуғлнокии аҳолии ҷумҳурӣ аз ҳисоби пастшавии ихтисоснокии захираҳои кадрӣ ва ҷойҳои кории босифат таназзул меёбад.

## II. Омилҳое, ки ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд

1. Сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ.

Сабаби асосии афзоиши шумораи аҳолӣ сатҳи баланди таваллуд ба ҳисоб меравад. Дар аввали соли 2007 шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7063.8 ҳаз. нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 1991

ба 1557.9 ҳаз. нафар зиёд гардидааст. Гарчанде сатҳи таваллуд баланд боқӣ монад ҳам, вале ҳамзамон тамоюли пастшавии суръати афзоиши таваллуд ба мушоҳида мерасад. Бешубҳа, ба пастшавии суръати таваллуд натанҳо омилҳои иқтисодӣ, балки сиёсати демографии аз тарафи давлат гузаронидашуда таъсир расонид.

2. Афзоиши босуръати шумораи захираҳои меҳнатӣ.

Сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ яке аз омилҳои бевоситаи афзоиши шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат ба ҳисоб меравад.

Дар давраи аз соли 1991 то соли 2006 шумораи захираҳои меҳнатӣ аз 2526,0 ҳаз. нафар то 4047.0 ҳаз. нафар, яъне 1,6 маротиба зиёд гардид.

3. Зиёд шудани миқдори ҷойҳои корӣ дар иқтисодиёти расмӣ афзоиши табиии захираҳои меҳнатиро рӯпӯш карда наметавонад.

4. Пастшавии сармоягузорӣ дар сохтмони нави саноатӣ.

5. Гузаронидани қувваи корӣ аз сектори давлатӣ ба сектори хусусӣ.

6. Талаф додани потенсиали меҳнатии кадрҳои баландихтисос дар натиҷаи пурра истифода набурдани вақти кории онҳо, набудани алоқаи ҳақиқӣ байни даромад ва сатҳи кордонии коргар, гузаштани онҳо ба шуғли ғайрирасмӣ, ки бисёр вақт ихтисоси пешинаро талаб намекунад.

7. Бадтар шудани тавсифи сифатноки ҷойҳои амалкунандаи корӣ дар баробари бо оҳистагӣ зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ, ки аз сабаби зиёд намудани ҷойҳои кории барои аҳолӣ номуносиб, имконияти бокортаъминкунии бекоронро якбора кам менамояд.

8. Нигоҳ доштани миқёси калони бекории пинҳонӣ ва шуғли дуҷоякории аҳолӣ дар истеҳсолот.

9. Паҳн гадидани шуғли ғайрирасмӣ.

Васеъ гардидани соҳаи шуғли ғайрирасмӣ майдони андозбандиро танг менамояд ва аз ҳама муҳим соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии қобили меҳнати дар ин бахш машғулбударо маҳдуд месозад. Таҳлил нишон дод, ки имрӯз сарборӣ ба ҳар як нафари дар мақомоти ваколатдори суғуртаи иҷтимоӣ суғуртасупоранда мутаносибан 1:6 нафарро ташкил медиҳад ва ин чиз дар оянда метавонад системаи суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба бӯҳрони ҷиддӣ оварда расонад.

10. Набудани механизмҳои таъминкунандаи алоқа байни бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ.

Системаи таҳсилоти касбӣ чун пештара бекорони потенсиалиро тайёр намуда ба дигаргуншавии талабот ба қувваи корӣ, нокифоя эътино менамояд.

11. Сатҳи нокифояи инкишофи соҳибкории хурд барои таъсиси босуръати ҷойҳои нави корӣ.

12. Тамоюли деиндустриализатсияи мамлакат нигохҳ дошта мешавад.

13. Аксарияти корхона ва ташкилотҳо барои расидан ба натиҷаю дастовардҳои ҷорӣ нигаронида шудаанд, на ба тараққиёти оянда.

14. Афзоиши шиддатнокӣ дар бозори меҳнати деҳот, ки ба афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат ва бекорӣ вобаста мебошад, нокифоя будани суръати инкишофи шаклҳои хоҷагидории хурд, ки боздорандаи афзоиши ҷойҳои кории нав дар сектори аграрии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

15. Нигоҳ доштани рақобатнокии пасти гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон (занҳо, ҷавонон, маъюбон) дар бозори меҳнат.

16. Сатҳи пасти музди меҳнат махсулнокии пасти меҳнатро сабаб мегардад.

17. Сатҳи ихтисоснокии қисми зиёди корҷӯяндагон ба талаботи касбӣ - тахассусии кордиҳандагон ҷавобгӯ намебошад.

18. Инкишофи бахши хусусӣ ва соҳибкории фардӣ асосан бе киро намудани қувваҳои иловагии коргарӣ, аз ҳисоби азнавтақсимкунии он амалӣ мегардад.

## III. Самтҳои асосии амалӣ намудани Консепсия

1. Муайян намудани талабот ба таьсиси ҷойҳои корӣ:

- дар асоси пешгӯии демографӣ баҳогузории талаботи умумӣ ба ҷойҳои корӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва минтақавӣ;
- кор карда баромадани принсипҳои асосии ташаккули Нақшаи генералии таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ;
- гузаронидани Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ оид ба проблемаҳои таҳияи Нақшаи генералии таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ ва пешгӯӣ намудани бозори меҳнат;
- дар барномаҳои мақсадноки давлатии (минтақавӣ) рушди иқтисодию иҷтимоӣ пешбинӣ намудани чораҳо оид ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ тибқи соҳаҳо ва минтақаҳо;
- гузаронидани тадқиқотҳои таҳлилӣ ва пешгӯёна дар соҳаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ;

2. Муайян намудани партариҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар рушд ва доштани ҷойҳои кории ояндадор:

- гузаронидани ташхиси иҷтимоии барномаҳои давлатии мақсаднок инвеститсионии таҳияшаванда оиди масъалаҳои таъсири онҳо ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ;
- бо мақсади муайян намудани бартариҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар рушд ва нигоҳ доштани ҷойҳои кории ояндадор, ҳар сол аз ҳисоби барномаҳои давлатии (минтақавӣ) мақсаднок тасдиқ намудани барномаҳое, ки дар онҳо бо назардошти Нақшаи генералии таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ,

бобҳо бо супоришҳои мушаххас оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ вуҷуд дошта бошанд;

- таҳияи барномаҳои махсус оид ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар минтақаҳое, ки дар он ҷо вазъияти шуғлнокӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ характери мураккаб гирифта, чораҳои анъанавии танзими бозори меҳнат натиҷаҳои мусбӣ намедиҳанд;

- рушди инфраструктураҳои иҷтимоии соҳаи кишоварзӣ бо асосноккунии инкишофи хизматрасонии иҷтимоию маишии иловагӣ дар деҳот ва дар ҳамин асос таъсис додани ҷойҳои нави корӣ;

- ташаккули инфраструктураи лозимӣ, ки ба бозори беруна баровардани маҳсулоти миллиро таъмин мекунад;

- муносиб намудани системаи ҷойҳои корӣ дар минтақаҳои таназулёфтаи ҷумҳурӣ;

- инкишофи ҷойҳои корӣ дар объектҳои маҳсулотбарории соҳаҳои пешбари саноат;

- таҳияи нақшаҳои соҳавӣ ва минтақавии таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ;

- дастгирӣ намудани шуғл дар маҳалҳои аҳолинишине, ки фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои асоси иқтисодии онҳоро ташкилкунанда қатъ шудааст ва онҳо аз ҷиҳати ҳудудӣ аз ҷойҳои дигари корӣ дуранд.

3. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори истеҳсолии мавҷуд буда:

- ошкор ва баҳогузорӣ намудани иқтидорҳои истеҳсолии бесамарона истифодашаванда ва бо роҳи ҷорӣ намудани технологияи нав, бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок, тағйири касб кунонидани онҳо;

- ҳавасмандкунонии муносибатҳои иҷоравӣ дар қисмати истифодабарии майдонҳои истеҳсолии бекорхобида;

- ҳавасмандкунии иқтисодии соҳибкорон ҷиҳати самарраноктар истифода бурдани захираҳои истеҳсолии дар ихтиёрашон дошта;

4. Рушди зудҳаракатии касбию минтақавии қувваҳои корӣ:

- дар асоси шарномаҳои байниминтақавӣ ҷалб кардани аҳолии бешуғл аз минтақаҳои дигар ба муассиса ва корхонаҳое, ки дар онҳо қувваи корӣ намерасанд;

- дастгирии муассисаҳои амаликунандаи таълими (бозомузии) касбии кадрҳо барои ҷойҳои кории таъсис додашаванда (навшаванда) дар мувофиқа бо афзалиятҳои давлатӣ ва минтақавӣ;

- таҳия ва татбиқи методикаи муайянкунии талабот ба таълими касбии кадрҳо барои ҷойҳои кории таъсисдодашаванда бо дарназардошти давомнокии доираи тайёр намудани мутахассисони ихтисосҳои гуногун;

- таҳияи маводҳои таълимӣ - методӣ ва барномаҳои зарурӣ ҷиҳати таълими касбии кадрҳо барои ҷойҳои кории таъсисшаванда;

- таъмин кардани робитаи мутақобила байни бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ;

- мусоидат ҷиҳати омодасозии кадрҳо дар истеҳсолот;

- такмили ихтисос ва бозомӯзонии коргарон дар муассисаҳои таълимии заминавӣ, ки таълими касбии кадрҳоро барои ҷойҳои кории таъсисшаванда амалӣ менамоянд;

- рушди динамикии системаҳои ҷойҳои корӣ ва ҷо ба ҷо гузории озоди қувваҳои корӣ дар соҳаҳо ва минтақахо;

5. Таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба ташкил намудани шароитҳои умумӣ ҷиҳати таъсис ва нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ нигаронида шудааст:

- муҳофизати истехсолкунандагони миллӣ аз рақобати иқтисодиёти хориҷӣ дар марҳилаи азнавтаҷҳизонӣ ва навкунии истеҳсолот;

- ҷалб намудани сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна;

- мукаммалгардонии заминаи қонунгузорӣ, ки барои баланд бардоштани фаъолии инвеститсионии соҳибкорон равона карда шудааст;

- инкишофи шарикии иҷтимоӣ дар қисмати таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба кормандони корхонаҳо дар рафти амаликунонии чорабиниҳое, ки ба таъсис, нигоҳдорӣ ва барҳамдиҳии ҷойҳои корӣ алоқаманд мебошанд;

- истифодабарии мақсадноки фондҳои ҳиссаҷудошудаи амортизатсионӣ ва ҳавасмандкунии ҷамъоварии онҳо;

- тақвияти коркарди ашёи хом, молҳо ва зиёд намудани содироти маҳсулоти тайёр;

- дигар намудани соҳа ва барқарор кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои таназзулёфта;

- ташкил намудани фаъолияти меҳнатии фардӣ;

- рушди системаи суғуртаи таҳвили содиротии маҳсулоти ватанӣ;

- ҷалби ҳатмии муассисаҳои ватанӣ ба иштирок дар тендерҳо оид ба хариди таҷҳизот, технология ва ғайраҳо;

- рушди системаи мусоидати давлатӣ ба касбомузӣ ва бозомӯзии касбии кадрҳо бо дарназардошти зарурияти баланд бардоштани сифати қувваи корӣ ва хусусиятҳои талаботи бозорҳои минтақавии меҳнат;

- андешидани чораҳо оид ба муҳофизати ҳуқуқии кормандони кироя, хусусан онҳое, ки дар муассисаҳои хусусӣ фаъолият менамоянд;

- мусоидат ба шуғли коргарони муассисаҳое, ки аз фаъолият боз мемонанд;

- фароҳам овардани шароитҳо ҷиҳати андозбандии имтиёзнок барои корхонаҳо ва муассисаҳое, ки аз ҳисоби истифодаи васеъи даромадҳо ҷойҳои нави корӣ ташкил менамоянд;

- ҷорӣ кардани системаи огоҳонидани пешакӣ дар бораи ихтисоркунии кормандони муассиса дар ҳолатҳое, ки он дар як сол аз 10%-и шумораи умумии коргарон зиёд бошад;

- танзими муносибатҳо бо кордиҳандагон оид ба масъалаҳои мусоидат ба такмили ихтисоси кадрҳо, тағйироти муваққатии реҷаи шуғлнокӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки тайёрии касби (бозомӯзи)-и кадрҳо барои фаъолият намудан дар ҷойҳои кории нав ва корхонаҳои навшаванда;

- ҷорӣ намудани сестемаи банақшагирии иҷтимоӣ дар корхонаҳо ва дар минтақаҳое, ки барои аз кор озод кардани қувваи кории хеле зиёд роҳ додаанд;

- гузаронидани коргарон ба ҷойҳои нави корӣ бе вайрон намудани муносибатҳои меҳнатӣ;

- суғуртаи ҳатмии соҳибкорон дар мавриди иҷро накардани ӯҳдадориҳо оид ба пардохти музди меҳнат;

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба танзим даровардани масъалаҳои ба шуғли нопурра алоқаманд;

- ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ аз ғасби муҳоҷирони меҳнатии ғайрирасмӣ.

6. Дастгирии мақсадноки таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандони рақобатнопазир:

- мусоидат ба шуғли маъюбон ва дастгирии фаъолияти соҳибкории онҳо, бандкунии ҷойҳои корӣ, инчунин нигоҳдории шаклҳои алоҳидаи касбу корҳо барои бокортаъминкунии маъюбон;

- ташкил ва рушди истеҳсолоте, ки дар онҳо тартиботи гуногуни шуғли занҳо истифода бурда мешавад, пеш аз ҳама дар муассисаҳои соҳаи хизматрасонӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ҳамчунин дар муассисаҳои истифодабарандаи меҳнати хонагӣ;

- ҳавасмандкунии кордиҳандагон ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва нигоҳдории ҷойҳои кории амалкунанда барои ҷавонон, шахсони синну соли пеш аз нафақа, инчунин шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда ва аъзон оилаи онҳо;

- мусоидат ба таъсиси ҷойҳои корӣ барои гурезаҳои бекор ва муҳоҷирони маҷбурӣ дар ҷойҳои маскангирифтаи онҳо;

- мутобиққунонии касбию меҳнатии шаҳрвандони аз маҳбас озодшуда ва бо кор таъминкунии онҳо, аз ҷумла, аз ҳисоби дохил кардани механизми бандкунии ҷойҳои корӣ.

7. Таҳия ва амалӣ гардонидани Нақшаи генералии таьсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бо дарназардошти тамоюли умумииқтисодӣ, талаботи пешрафти илму

техника, вазъи бозори меҳнати минтақа тасҳеҳ ва амалигардонии нақшаҳои соҳавӣ ва минтақавии таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ;

- аз ҳисоби ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ ташкил намудани базаи электронӣ дар бораи ҷойҳои холии корӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он;

- навкунин ҷойҳои корӣ дар муассисаҳо ва истеҳсолоти дорои шароитҳои зарарнок ва хатарноки корӣ ва ҳимояи иҷтимоии коргарони ин гуна корхонаҳо.

8. Ташкили сохтори босамари шуғли аҳолӣ:

- барҳам додани ҷойҳои кории бесамар ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои ояндадори иқтисодиёт;

- озод намудани коргарон аз соҳаҳои касодшудаи иқтисодиёт, тайёрии касбӣ (бозомӯзӣ) ва бокортаъминкунии онҳо дар соҳаҳои тараққикардаистодаи иқтисодиёт;

- ҳавасмандкунонии муассисаҳо (корфармоён) барои навкунии ҷойҳои корӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илму техника, беҳтар намудани шароитҳои меҳнатии коргарон ва таъмини бехатарии экологии истеҳсолот.

## IV. Механизми ба амал баровардани Консепсия

Механизми ба амал баровардани Консепсия, таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ бо воситаи ҳама гуна сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар асоси талаботи минтақа ба ҷойҳои корӣ, ба ташкили шароитҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ-иктисодӣ ва ташкилӣ-методӣ ҷиҳати таъмини мусоидат ба шуғли маҳсулноки аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва бартараф намудани афзоиши бекорӣ равонабударо аз тарафи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозӣ, таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои конкретӣ оид ба амалӣ намудани Консепсия аз ҳисоби намояндагони ваколатдори вазорату идораҳо, ходимони илмию ҷамъиятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гурӯҳи кории ҳукуматӣ таъсис дода мешавад.

Мушоҳида намудани рафти амаликунонӣ ва тасҳеҳи Консепсия дар асоси мониторинги бисёрмақсада амалӣ карда мешавад, ки бояд дар як сол на кам аз як маротиба дар бораи рафти амаликунонии он гуфтушунид гузаронида шавад.

Ҳангоми таҳияи барномаҳои мақсадноки давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, масъалаҳои дар оянда таъсис ва нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, хусусан онҳое, ки дар мавзеъҳои аҳолинишини дорои сохтори моноиқтисодӣ зиндагӣ мекунанд,

нигоҳдории ҷойҳои кории ба самтҳои иҷтимоӣ зарури инкишофи истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонӣ ҷавобгӯ бударо ворид кардан лозим аст

Амаликунонии Консепсияро мушоиати ахборотию таҳлилӣ мусоидат менамояд.